«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, н. и.п., дотсент
_______ Раҷабзода Маҳмадулло
«27» ___12___ соли 2019

**Хулосаи**
**Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон**
**ба номи Сотим Улуғзода**

Диссертатсияи Сатторов Амирҳамза Баҳодурович дар мавзӯи **«Таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ»,** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба анҷом расидааст.

Сатторов Амирҳамза Баҳодурович ҳамчун сармутахассиси шуъбаи таъминоти кадрҳои Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе кор карда истодааст.

Сатторов Амирҳамза Баҳодурович соли 2011 факултети забонҳои Шарқи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода бо ихтисоси тарҷумони забони арабӣ хатм намуда, соҳиби касби «тарҷумони забони арабӣ» гардидааст.

Роҳбари илмӣ – **Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода**, доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Мавзӯи диссертатсия дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 1. 04. с. 2013, қарори №9/4-1 тасдиқ шудааст.

**Аз баррасии рисола чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

**Аҳамияти мавзӯи таҳқиқ,** пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки то кунун оид ба таъсирпазирии Хоҷуи Кирмонӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ пажӯҳиши яклухт сурат нагирифтааст. Хоҷуи Кирмонӣ аз зумраи он шоирони орифе мебошад, ки дар ғазалсароӣ ҳунари воло дошта, беш аз дигар шоирони асри худ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ истифода намудааст.

**Мубрамияти мавзӯъ** дар он аст, ки рисола масъалаҳои ҷамъбасти илмии таъсири оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ, ҳаматарафа тадқиқ кардани онро муайян намудааст.

Таъсири мусбии фарҳанги исломӣ ба фарҳанги форс-тоҷик боиси равнақ ва ривоҷи шеъри форс-тоҷик гардидааст.

Ин таъсирпазирӣ дар адабиёти классикии тоҷик зиёд буда, дар назму насри шоирони мо эҳсос мешавад. Аз ин рӯ, масъалаи омӯзиши таъсири Қуръон ва ҳадис дар шеър яке аз масъалаҳои мубрами адабиётшиносии муосир буда, тадқиқоти амиқу дақиқ ва ҳаматарафаи илмиро тақозо мекунад. Ба ин маънӣ, омӯзиш ва тадқиқи муносибати фарҳанги динӣ бо фарҳанги миллӣ ва таъсири фарҳанги исломӣ ба фарҳанги миллӣ, бахусус, дар илми адабиётшиносӣ аҳамияти калони илмию амалӣ дошта, ашъори шоирони ориф ҳамаҷониба ба риштаи таҳқиқ кашида мешавад. Аз ин ҷиҳат, рисолаи мазкур дар дарки ашъори дигар шоирони ориф ёрӣ хоҳад расонд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқи** рисолаи мазкур аз анҷом додани таҷзия ва таҳлили ҳаматарафаю нисбатан комили масъалаҳои марбут ба таъсири Қуръон, ҳадис ва қиссаю достонҳои динӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ иборат мебошад, ки дар натиҷаи он мақоми адабии шоир ва таъсирпазирии ӯ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ муайян мегарданд.

Вазифаҳои асосии рисола чунин аст:

- таҳқиқи омилҳои таъсиррасонии Қуръон, ҳадисҳои набавӣ ва ривояту достонҳои динӣ ба адабиёт;
- муайян намудани таъсирпазирии шоир аз оятҳои қуръонӣ;
-муайян намудани мақоми таҳмидиясароии Хоҷу бо истифода аз оятҳои қуръонӣ;
- муайян кардани ҳунари истифодаи оятҳои қуръонии Хоҷуи Кирмонӣ дар муқоиса бо дигар шоирони ориф;
- баррасии ҳунари истифодаи образҳои қуръонӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ;
- таъйин намудани ҳунари Хоҷуи Кирмонӣ дар истифода аз мазмунҳои оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалсароӣ.

Маводи асосии тадқиқотиро “Куллиёт”-и ашъори Хоҷуи Кирмонӣ (нашри Аҳмад Суҳайлии Хонсорӣ), “Қуръони Карим”, “Миркот-ул-мафотиҳ шарҳи Мишкот-ул-масобеҳ” (шарҳи ҳадисҳои набавӣ дар 12 ҷилд), девон ва дигар маҷмӯаҳои ашъори шоирони ориф, амсоли Носири Бухороӣ, Салмони Соваҷӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва дигарон, асарҳои илмии шарқшиносону адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, китобҳои таърихи адабиёт, осори тадқиқотии марбут ба таъсири Қуръон ва ҳадис дар адабиёти форсии тоҷикӣ ташкил медиҳанд.

Асосҳои назарӣ ва методологии рисоларо асарҳои илмию назариявии муҳаққиқони варзидаи ватанию хориҷӣ, ба монанди Алӣ ибни Султонмуҳаммад, З. Сафо, Б. Фурӯзонфар, А. Зарринкӯб, П.

Алавӣ, А. Ҳалабӣ, Х. Мирзозода, А. Сатторзода, А. Абдусаттор, Ш. Исрофилниё ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Нававарии таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки дар рисолаи мазкур нахустин маротиба дар адабиётшиносии ватанию хориҷӣ масъалаи муайян намудани таъсирпазирии Хоҷуи Кирмонӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ ба миён гузошта шуда, навъҳои истифодаи онҳо ба мисли талмеҳ, истиора ва дигар санъатҳои бадеӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ, ҳунари истифодабарии шоир аз Қуръон ва ҳадисҳои набавӣ дар муқоиса бо дигар шоирон ба таври яклухт ва монографӣ мавриди таҳқиқи адабиётшиносӣ қарор гирифтааст.

Муаллифи рисола бо мақсади муайян сохтани таъсири Қуръон ва ҳадис дар ғазалҳои Хоҷу ва таъсирпазирии шоир аз мазмун ва мафҳумҳои қуръониву ҳадисҳо ононро дар ғазал таҳлилу таҳқиқ кардааст, ки чунин равиш дар адабиётшиносии тоҷик нав мебошад.

Аҳамияти назариявӣ ва натиҷаҳои амалии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки хулоса ва маводи он метавонад ҳангоми таълифи мақола ва рисолаҳои илмӣ дар масъалаи баррасии Қуръон, ҳадис, қисса ва достонҳои динӣ ва масъалаҳои алоқаманд ба таъсири Қуръон ва аҳодиси набавӣ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ истифода шавад.

Натиҷаи тадқиқот амалан барои таълими фанҳои тахассусии адабиётшиносӣ, таҳлили матни бадеӣ, навиштани китобҳои дарсӣ ва таълифи воситаҳои таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, омода кардани курси лексияҳо аз таърихи адабиёти форсу тоҷик, курс ва семинарҳои махсус дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонанд мавриди истифода қарор бигиранд. Аз назари амалӣ, рисолаи мазкур, ҳамчунин, дар омӯхтани дигар масоили алоқаманд ба таъсири фарҳанги динӣ ба фарҳанги миллӣ ва таҳқиқи ҷиҳатҳои ҳунарию бадеии ашъори шоирони ориф мусоидат хоҳад кард.

Мақолаҳои зерин аз ҷониби муаллиф дар маҷаллаҳои тавсиякардаи КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсия Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд:

**I. Маҷаллаҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсия Россия**

[1. М]. Сатторов А.Б. Нукоти қуръонӣ дар ашъори Хоҷуи Кирмонӣ\\ Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе, 2014, №4 (129) - с. 180-189.

[2. М]. Сатторов А.Б. Тамҳидия дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ\\ Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.-Душанбе, 2016, № 4/5 (209) - с. 130-131.

[3. М]. Сатторов А.Б. Нақши забони арабӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ \\ Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.-Душанбе, 2018, №2 - с. 165-167.

[4. М]. Сатторов А.Б. Талмеҳоти қуръонӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ \\ Суханшиносӣ, маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуло Рӯдакӣ. – Душанбе, 2020. №1. 2020 – с. 108-120.

**II) Мақолаҳо дар маҷмӯаву маҷаллаҳо:**

[1. М]. Сатторов А.Б. Таъсирпазирии Хоҷуи Кирмонӣ аз Қуръони карим \\Илм ва инноватсия. Душанбе, 2013, №1. 2013 (3) - с. 122-126.

[2. М]. Сатторов А.Б. Иқтибоси ояҳои қуръонӣ дар ашъори Хоҷуи Кирмонӣ \\Илм ва инноватсия. Душанбе, 2013, №2 (4) -с. 126-128.

[3. М]. Сатторов А.Б. Истифодаи ояҳои қуръонӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ \\Дин ва ҷомеа. Душанбе, 2017, №10 - с. 41-42.

Рисолаи Сатторов Амирҳамза Баҳодурович кори илмии анҷомёфта буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мувофиқ мебошад.

Кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода рисолаи Сатторов Амирҳамза Баҳодуровичро кори илмии ба итмомрасидаи муҳимму арзишманд меҳисобад, ки дар сатҳи хуби илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи нигориши корҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Аз ин нуқтаи назар, рисолаи мазкурро барои дифоъ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология тавсия менамояд.

Иштирок доштанд: 15 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор»-15 нафар, «зид»-0, «бетараф»-0

Қарори №5, аз 27.12. соли 2019

**Раиси маҷлис, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода номзади илми филология, дотсент** **Шамсов Н. С.**

**Котиб, коргузори кафедра** **Ширинова О. Ф.**

**Имзои Н. Шамсов ва О. Шириноваро тасдиқ мекунам:**

**Мудири шуъбаи кадрҳои ДДЗТ ба номи С отим Улуғзода** **Наҷмуддинов Ш. М.**

**Суроға: 734019, ҶумҳурииТоҷикистон**
**ш. Душанбе, к. Муҳаммадиев 17/6.**
**Тел.: +992-37-2-32-50-00**